# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**26 декабри соли 2020 ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадовичро дар мавзӯи: "Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешкаш гардидааст, мавриди муҳокима қарор дода, тақриз ва баромади роҳбари илмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич**; тақризи мусбати муассисаи тақриздиҳанда: - Муассисаи давлатии "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ"; тақризҳои мусбат ва баромадҳои муқарризони расмӣ: - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон **Қодирзода Диловар Бахриддин**; - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои институтсионалӣ ва иқтисодиёти бахши иҷтимоии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ **Бабаджанов Рустам Мирзоевич** ва инчунин баромади муқарризони ғайрирасмӣ аз рӯйи самти ихтисос докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Низомова Т.Д., Одинаев Ҳ.А., Давлатзода К.К., Умаров Ҳ.У. ва академик Каюмов Н.К., натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонии баргузоршуда ва хулосаи Шӯрои диссертатсиониро, ки ба диссертатсия бо назардошти мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, навгониҳои илмӣ, асоснок будани онҳо, аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаю пешниҳодҳои диссертатсия, инчунин аз рӯйи натиҷаҳои корҳои чопшуда тахия карда шудааст, ба инобат гирифта,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

Диссертатсияи Давлатов Сорбон Назримадович дар мавзӯи: "Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешкаш

гардидааст, ба меъёрҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад;

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои чопгардида дар сатҳи кофӣ ва зарурӣ, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд;

Ба Давлатов Сорбон Назримадович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Давлатов Сорбон Назримадовичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ ҷонибдори қабул шудани қарори ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳиш мекунам, овоз диҳед.

Овоздиҳӣ: тарафдор: 18 нафар, муқобил: – нафар, бетараф: – нафар. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед, унвонҷуйро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик намуда, ба аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мушовири илмӣ, муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ барои кори пурмаҳсулашон миннатдории бепоёни худро баён намоям.

Дар ҳамин ҷо, ҷаласаи якуми Шӯрои диссертатсионӣ пушида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** — **Исайнов Ҳ.Р.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** — **Саидмуродова М.А.**

**26 декабри соли 2020**

имзои / подпись Исайнов Х.Р., Саидмуродова

ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ

Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ

Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРХО ВА КОРХОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЧЧАСТИ